# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (992 372) 21 18 35

## ФАРМОИШ

аз «20» 03 с. 2019 № 145 ш. Душанбе

Дар бораи Тартиби бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва мол

Дар асоси моддаи 119-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти 148 тасдиқ шудааст,

**Фармоиш медиҳам:**

1. Тартиби бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи мавод ва мол тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад:

- фармоиши мазкурро ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намояд;

- барои дар амал татбиқ намудани фармоиши мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

3. Ба сардори шӯъбаи коргузорӣ, назорат ва корҳои махсуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро ба муассисаҳои алоқаманд дастрас намояд.

4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир, сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 969
«15» 04 с.2019

БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

Вазир Н. Олимзода

ДУРУСТ